“Тасдиқ мекунам”
Ректори Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ”, н.и.п., дотсент
________________ Сафарзода М.В.
«_17_» ___11___________ 2025 с.

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Каримӣ Мадина Давронзода дар мавзуи “Хусусиятҳои ташкили сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд (Дараи Сабз) ва таъсири он ба устуворияти геоэкологӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география)

## Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Диссертатсияи Каримӣ Мадина Давронзода ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география) мутобиқат мекунад: 1.10. Коркарди асосҳои илмии истифодаи самаранок ва ҳифзи захираҳои об, ҳаво, хок, рекреатсионӣ, маъданӣ ва энергетикии Замин; 1.16. Ҷанбаҳои геоэкологии рушди устувори минтақаҳо; 1.17. Арзёбии геоэкологии ҳудудҳо. Усулҳои муосири харитасозии геоэкологӣ, системаҳои иттилоотӣ дар геоэкология.

## Мубрамии мавзуи таҳқиқ

Муҳити муосири шаҳрии инсон солҳои охир бо сабаби шиддати баланди шароити ҳаётӣ, аз ҷумла меҳнати ҷисмонӣ боиси коҳишёбии талаботи физиологӣ ва руҳонии ӯ гардида, зарурати истифодаи ҳатмии хизматрасониҳои рекреатсиониро тақозо менамояд. Чунин вазъ фавран барқарорсозии саломатии ҷисмонӣ ва руҳиро металабад, ки метавонад танҳо дар минтақаҳои рекреатсионӣ, аз ҷумла ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда қонеъ гардонида шавад.

Ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, ҳамчун қитъаҳои табиие, ки муҳити зистро дар ҳолати нисбатан дастнорасида нигоҳ доштаанд, дар қонеъ намудани ин ниёз нақши муҳим мебозанд. Дар тамоми ҷаҳон боздиди қитъаҳои ба истилоҳ “табиати ваҳшӣ” яке аз намудҳои маъмул ва сершумори фаъолияти инсон дар вақти фориғ аз кор гаштааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар ҳудуди вилояти Суғд, масъалаи рушди бемайлони фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар ҳудуди ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда аҳамияти хоса дорад ва дар намуди рушди

сайёҳии экологӣ ҷанбаи навро ба амал меоварад. Зеро, шароити табиии ин ҳудудҳо дорои иқтидори баланди рекреатсионӣ мебошанд ва ба солимгардонии аҳолӣ ва ҳам рушди сайёҳии экологӣ мусоидат менамоянд. Аз ҷониби дигар, ҳолатҳои таъсири манфии намудҳои гуногуни истифодаи сайёҳӣ-рекреатсионӣ ба экосистемаҳои табиии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ба қайд гирифта шудаанд, ки метавонанд боиси коҳишёбии устувории геоэкологии ҳудудҳо бошанд. Инчунин, ҳолатҳои мазкур гуногунии биологиро зери хатар гузошта, имконияти истифодаи устуворонаи онҳоро дар оянда маҳдуд менамоянд.

Аз ин лиҳоз, баҳодиҳӣ дар заминаи консепсияҳои илмӣ ба имкониятҳои рекреатсионии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, таҳлили вазъи муосир ва сатҳи фишори антропогенӣ, инчунин таҳияи тавсияҳо доир ба шакл, сатҳ, дараҷа ва шиддати истифодаи захираҳои рекреатсионӣ, вазифаи муҳим дониста мешавад. Зеро, таъмини мувозинати экологии маҳал дар ҷараёни рушди сайёҳии экологӣ барои ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда мавқеи ҳалкунанда дорад.

Муқаррар карда шудааст, ки ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда асосан бо мақсади ҳифзи маҷмааҳои нодири табиӣ ва гуногунии биологӣ таъсис дода шуда бошанд ҳам, рушди фаъолияти рекреатсионии ба принсипҳои истифодаи устувори табиат асос ёфта, дар ин объектҳо гузаронида шуда метавонад. Барои ин, дарки амиқи ҷанбаҳои илмии таъсири сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии экологӣ ба устувории геоэкологии ҳудуд бо назардошти хусусиятҳои табиӣ ва иҷтимоию иқтисодии маҳаллӣ зарур мебошад, ки мебояд ба натиҷаи омӯзиши таъсири фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ ба устувории геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаро масъалаи муҳими илмӣ ва амалӣ арзёбӣ менамояд. Алҳол, ҷанбаҳои мухталифи рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд, алалхусус объекти мушаххаси табиӣ – парваришгоҳи “Дараи Сабз” мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор нагирифтаанд ва ба таҳқиқоти хоса ниёз доранд, ки таҳқиқи он мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионии Каримӣ Мадина Давронзодаро ташкил медиҳад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд**

Ақидаҳои асосии назариявӣ-методӣ, асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ-методӣ таҳқиқи хусусиятҳои табиӣ, геоэкологӣ ва экологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд, дар мисоли парваришгоҳи “Дараи Сабз” ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба ташкил ва имкониятҳои рушди сайёҳии экологӣ ташкил медиҳад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо назардошти таҳлилу арзёбии гузаронидашуда, кофӣ будани ҳаҷми кори диссертатсионӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва таълифи муаллиф эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тасдиқ мегардад. Дар амалия хулоса ва тавсияҳо барои татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои

назариявию экспедитсионӣ бароварда шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад. Дар хулоса натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ буда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар асоси таҳлили натиҷаҳои илмӣ-амалии таҳқиқот омода шудаанд.

Ҳангоми арзёбии дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада бояд қайд кард, ки дар ҷараёни кор дар диссертатсия миқдори зиёди монографияҳои олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти омории идораву ташкилотҳои давлатии ҳифзи табиат, ки ба рушди сайёҳӣ дар мамлакат саҳмгузоранд, равона гардида, бевосита дар шимолии қаторкӯҳи Туркистон - парваришгоҳи “Дараи Сабз” корҳои илмӣ-тадқиқотӣ бурда шудааст.

## Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда

Дар натиҷаи таҳқиқот шароити табиӣ-геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд амиқ карда шуда, гуруҳбандии намудии маҷмӯи табиии ҳудуди парваришгоҳи “Дараи Сабз” анҷом дода шудааст. Омилҳои асосии ташкил, рушди сайёҳии экологӣ ва хусусиятҳои тағйирёбии онҳо дар ҳудуди парваришгоҳи “Дараи Сабз” аён карда шуда, харитаҳову хатсайрҳои сайёҳии экологӣ дар ҳудуди парваришгоҳ, тавсифот ва мушаххасоти тавзеҳӣ таҳия шудаанд. Омилҳои устувории геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда дар шароити ташкили сайёҳии экологӣ дар онҳо муайян карда шудаанд.

Дар диссертатсия бори нахуст дар мисоли ҳудуди табиии махсус муҳофизатшаванда-парваришгоҳи “Дараи Сабз”:

– таҳқиқи маҷмаавии шароит ва захираҳои табиӣ-геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд ҳамчун объекти табиӣ ва сайёҳӣ гузаронида шудааст;

– имкониятҳо, иқтидори ташкил ва рушди сайёҳии экологӣ дар заминаи захираҳои табиӣ-геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд арзёбӣ шудаанд;

– харитаҳои геоэкологӣ, рекреатсионӣ ва хатсайрҳои сайёҳӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда (парваришгоҳи “Дараи Сабз”) таҳия шудаанд;

– таъсири бевосита ва мутақобилаи сайёҳии экологӣ ба муҳити геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда таҳқиқ шудааст.

## Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия

**Аҳамияти илмии натиҷаҳои таҳқиқот** дар асосноккунии назариявӣ ва методии ташкил ва рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд (Дараи Сабз) муаррифӣ шудаанд. Дар диссертатсия иқтидори рекреатсионии парваришгоҳ ба ҳайси объекти сайёҳии экологӣ мавриди асосноккунӣ қарор гирифта, модули идоракунии он тарҳрезӣ карда шудааст, ки чунин қисматҳо, ба монанди омӯзиш, таҳлил ва

таҳияи кадастри гуногуннамудии биологӣ ва имконоти истироҳатии парваришгоҳ, инчунин талаботи бозори сайёҳии экологиро дар бар гирифта, дурнамои онро дар фарох гардонидани фазои хизматрасонии сайёҳӣ пешниҳод гардидааст. Аз ҷиҳати илмӣ асоснок будани хатсайрҳои сайёҳии пешниҳодкардаи минтақа арзёбӣ гардида, хусусияти муҳимми геоэкологии парваришгоҳи "Дараи Сабз" муайян карда шудаанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он аст, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар фаъолияти Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи рушди сайёҳии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати ҳифзи муҳити зист дар вилояти Суғд, инчунин дар раванди таълими ихтисосҳои равияи табиатшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла самтҳои аграрӣ, географӣ, экологӣ ва сайёҳӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Аҳамияти иқтисодии натиҷаҳои диссертатсия** дар он аст, ки ҳангоми самаранок ба роҳ мондани фаъолияти сайёҳии экологӣ на танҳо ба рушди бомуваффақияти нигоҳдории ҳолати табиии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, балки манбаи воқеии ҷойҳои нави корӣ ва даромади иловагии иқтисодии маҳаллӣ хоҳад гашт. Ҳамин тариқ, татбиқи ҳадафҳои барномавӣ оид ба ташкили сайёҳии экологӣ дар қаламрави боғҳову мамнуъгоҳҳои табиӣ ва парваришгоҳҳо ба эҳёи иқтисодӣ ва суботи сиёсии минтақа дар маҷмуъ мусоидат хоҳад кард.

**Аҳамияти иҷтимоии диссертатсия** дар он аст, ки ҳангоми ташкили сайёҳии экологӣ ҳамчун таҷрибаи иҷтимоии экологӣ ба маърифати экологии аҳолии маҳаллӣ таъсири худро мерасонад. Дар баробари он ба баланд бардоштани сатҳу сифати зисту зиндагонӣ ва некӯаҳволии аҳолӣ ифода ёфта, инчунин, ҳангоми ташкили курсҳои махсус барои такмили саводнокии мутахассисони соҳаи сайёҳӣ мавриди истифода қарор мегиранд.

### Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо дар таҳлили ҳамаҷонибаи адабиёти соҳавӣ, истифодаи усулҳои маъмули таҳқиқоти саҳроӣ тавассути экспедитсияҳои илмӣ ва ташхиси лабораторӣ, тасвиби натиҷаҳо дар ҳамоишҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ, интишори онҳо дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда тасдиқ мешавад.

### Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ

Дар диссертатсия натиҷаҳои бисёрсолаи таҳқиқоти муаллиф дарҷ гардидааст. Муаллиф бевосита дар корҳои саҳроӣ, гузаронидани мушоҳидаҳои геоэкологӣ-муҳандисӣ, экологӣ, инчунин харитасозии минтақаи таҳқиқот ширкат варзида, шахсан харитаҳои муҳандисию

геоэкологӣ ва арзёбии рушди сайёҳии экологии минтақаи Суғдро тартиб додааст.

### Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Асарҳои интишоршудаи муаллиф иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос намудаанд. Доир ба мавзуи таҳқиқот 24 кори илмӣ бо ҳаҷми 8,78 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаву нашрияҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

### Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия

Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, чаҳор боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот 174 саҳифаи матни компютерӣ оварда шуда, дар он 33 расм, 23 ҷадвал, 9 диаграмма ифода ёфта, феҳристи адабиёт 133 сарчашмаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрам будани мавзуи диссертатсия ва сатҳи омӯзиши он асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва усулҳои таҳқиқот муайян шудаанд, инчунин муқарраротӣ дорои навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии диссертатсия инъикос гардидаанд ва маълумот оид ба тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод карда шудаанд. *(с.5-10)*

***Боби якуми диссертатсия*** “Заминаҳои илмӣ-методологии ташкили сайёҳии экологӣ, омили рушди ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда” аз баёни ақидаҳо, нуктаи назар, андеша, заминаҳои назариявӣ ва таҳлили натиҷаи корҳои муҳаққиқону мутахассисони соҳаҳои гуногуни табиатшиносӣ дар самтҳои тафсири мафҳуми сайёҳии экологӣ ва истифодаи мақсадноки ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, ҳамчун объекти сайёҳӣ таркиб ёфта, бо забони фасеҳ баён гардидааст.

Таъкид карда мешавад, ки дар омӯзишу таҳлилҳои ҳамаҷонибаи масъалаҳои меҳварии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла тафсири мафҳуми сайёҳии экологӣ саҳми олимони хориҷӣ ва ватанӣ зиёд аст. Диссертант, қайд менамояд, ки ғайр аз он муҳаққиқони сершумори дигар низ таҳқиқоти пурсамар гузаронида, андешаҳои ҷолибро ҷиҳати хусусиятҳои ин раванд, аз ҷумла тағйироти муҳити геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда пешниҳод кардаанд.

Дар асл, масъалаи истифодаи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ба ҳайси объекти сайёҳӣ дорои сатҳи баланди таҳқиқоти илмӣ бошад ҳам, дар аксарияти таҳқиқоти мавҷуда таваҷҷуҳ бештар ба мамнӯъгоҳҳои давлатӣ ва боғҳои миллӣ равона гардидааст. Диссертант аниқ кардааст, ки масъалаи ташкил ва такомули сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи Тоҷикистон падидаи нисбатан нав дар солҳои охир буда, ба таҳқиқоти комил ва ҳамаҷонибаи илмӣ ниёз дорад.

Зарурати таҳқиқи таъсири сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии экологӣ ба нигоҳдории гуногуннамудии биологӣ, иқтисодиёти минтақа ва истифодаи захираҳои рекреатсионии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда алоқаманд буда, маҳз, тавассути рушди сайёҳии экологӣ дар минтақаҳои муҳофизатшаванда таъмини рушди устувори минтақа имконпазир аст. Инчунин, ҷиҳати муайян намудани устуворияти геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд, алалхусус парваришгоҳи “Дараи Сабз” дар ташкил ва рушди сайёҳии экологӣ алҳол таҳқиқоти илмӣ дар сатҳ ва дараҷаи кофӣ гузаронида нашудаанд ва тафсири он дар адабиётҳои илмӣ дучор намегардад. Аз ин лиҳоз, барои интихоби мавзуи меҳварии таҳқиқоти диссертатсионӣ заминаи илмӣ ва шароити зарурӣ фароҳам омадааст. *(с.11-42)*

***Муҳтавои боби дуюм*** “Тавсифи табиӣ – географии ландшафтҳои экосайёҳӣ - рекреатсионии вилояти Суғд” аз инъикоси маълумоти муфассал доир ба шароити табиӣ-географӣ, геоэкологии вилояти Суғд, имкониятҳои нигоҳдории гуногунии табиии он таркиб ёфтааст. *(с.44-79)*

Дар қисмати ин боб, манфиати назаррас аст, ки диссертант ландшафти табиии кӯли шӯри шифобахшу обҳои маъдании осоишгоҳҳои “Ҳавотоғ”, “Зумрад”, “Оқсукон” ва кӯлҳои зебоманзари табиӣ аз қабили “Ҳафткӯл”, “Кӯли Калон”, “Кӯлҳои Аловиддин”, “Искандаркӯл” ҳамчун иқтидори иловагии рушди сайёҳии экологии вилояти Суғд арзёбӣ кардааст. *(с.62-71)*

Ҳамчунин, дар ин боб, сазовори баҳои мусбат аст, зеро диссертант хуб қайд мекунад, ки фазои сайёҳии экологӣ ва макони хизматрасонии экосайёҳӣ-рекреатсионии вилояти Суғдро табиати зебову нотакрори ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, аз қабили панҷ парваришгоҳу як боғи табиии миллӣ бо масоҳати умумии 107690 га ташкил намуда, дар ҳифзи набототу ҳайвонот ва ландшафтҳои табиӣ саҳми назаррас доранд. *(с.71-79)*

Мебояд қайд кард, ки то ҳол ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд дар алоқамандӣ бо баландии ҷойгиршавӣ нисбат ба сатҳи баҳр мавриди таснифот аз ҷониби олимону мутахассисон қарор дода нашудааст. Бинобар ин, диссертант дар такя ба принсипҳои таснифоти Х.М. Муҳаббатов ҷуръат намудааст, ки ҷойгиршавии амудии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғдро ба шакли тасниф дарорад ва хусусиятҳои релефро низ ба эътибор гирад. *(с.73)*

***Боби сеюми диссертатсия***, ки “Арзёбии захираҳои табиӣ - геоэкологии парваришгоҳи “Дараи Сабз” бо мақсади ташкили сайёҳии экологӣ” номгузорӣ гардидааст, диссертант саравval сарватҳои табиии парваришгоҳи “Дараи Сабз”-ро ҳамчун объекти таҳқиқот мавриди баррасӣ қарор додааст. *(с.81-109)*

Муваффақияти назарраси диссертатсия ин аст, ки докторант (PhD) харитаи паҳншавии фазогии арчаҳо вобаста ба баландӣ аз сатҳи баҳр бо истифода аз барномаи QGIS сохташуда, инъикос кардааст. *(с.85-88)*.

Ин қисмат сазовори баҳои мусбат аст, зеро диссертант хусусиятҳои геоэкологӣ, мушкилот ва имкониятҳои рушди сайёҳии экологӣ дар маҳали таҳқиқотро таҳлил ва таҳқиқ карда, намудҳои таъсироти соҳаи сайёҳӣ ба муҳити табиии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда таҳлил намудааст. *(с.94-106)*

Диссертант зарур мешуморад, ки гузаронидани таҳқиқоти комплексии захираҳои рекреатсионии объекти таҳқиқотӣ барои такомули сайёҳии экологӣ тадбири ҳатмӣ маҳсуб меёбад. Масалан, аз ҷониби ӯ таъсири сайёҳӣ ба экосистемаи парваришгоҳ низ мавриди таҳлил қарор гирифта, тазъиқи антропогенӣ ба ду гуруҳи асосӣ: а) таъсири бевосита ба қабати хокӣ, олами ҳайвонот, гуногуннамудии биологӣ, ҳифзи ҳайвоноти нодир; б) таъсири бавосита: ифлосшавии техногении муҳити зист, вайроншавии биосеноз ва ареали намудҳои реликтӣ ва эндемикӣ ҷудо карда шудааст. *(с.96-97)*

Дар охири боби мазкур, диққати асосӣ бояд ба докторант дод, ки ӯ хусусиятҳои геоэкологии минтақаи таҳқиқотро омӯхта, дар рафти таҳқиқот хусусияти муҳимми геоэкологии парваришгоҳи “Дараи Сабз”-ро муайян кард: дар масоҳати 350-400 га раванди биогеохимиявии ташаккули биосенози махсус – пӯшиши хокию алафӣ дар намуди теппачаҳои шаклашон гуногун бо баландии 0,4-0,7 м бо сатҳи баланди обҳои зеризаминӣ ошкор шуд. *(с.106-109)*

Диссертант Каримӣ М.Д. ***дар боби чорум*** “Имкониятҳои ҳуқуқӣ ва экологӣ - иқтисодии рушди сайёҳӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда” натиҷаҳои таҳқиқоти тӯлонии хосаро оид ба заминаҳои ҳуқуқӣ, экологӣ, иқтисодӣ ва дигари рушди сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда муфассал ва фасеҳ таҳлил намудааст. *(с.111-147)*

Муқаррар гардидааст, ки тибқи меъёрҳои қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани маҷмӯи муайян ва маҳдуди чорабиниҳои табиӣ-рекреатсионӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда иҷозат дода шудааст. Вале, мебояд зикр кард, ки ташкили сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, аз ҷумла дар парваришгоҳи “Дараи Сабз” риояи ҳатмии маҷмуи муайяни талаботи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистонро талаб мекунад.

Диссертант дар такя ба меъёрҳои санади ҳуқуқӣ таъкид менамояд, ки “Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии машғули сайёҳии экологӣ бояд бо мақомот ё ташкилотҳое, ки ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда дар ихтиёрашон аст, оид ба таъмини риояи низоми онҳо ва қоидаҳои сайёҳии экологӣ шартнома банданд, хатсайр ва дигар шартҳоро мувофиқа созанд”. Мутаассифона, одатан субъектҳои сайёҳии экологӣ, яъне “шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии машғули сайёҳии экологӣ” ин талаботи қонунгузории амалкунандаро сарфи назар мекунанд ва ё аз он дар сатҳи зарурӣ огоҳ нестанд. Дар ин замина диссертант зарур шуморидааст, ки Шартномаи

намунавии байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии машғули сайёҳии экологӣ бо маъмурият ё ихтиёрдории ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда таҳия гардонида, хатсайри сайёҳии экологиро низ мураттаб ва барои муҳокима пешниҳод намояд. *(с.111-114)*

Иқтидори рекреатсионии парваришгоҳи "Дараи Сабз" ба ҳайси объекти сайёҳии экологӣ аз ҷониби диссертант Каримӣ М.Д. мавриди асосноккунӣ қарор гирифта, баъзе аз маҳдудиятҳо ва принсипҳои интихоби моделии парваришгоҳи мазкур арзёбӣ гардидааст, яъне дар парваришгоҳи "Дараи Сабз" экосистемаи ҷангалии кӯҳӣ бартарӣ дорад ва объекти таҳқиқотӣ дорои захираҳои муайяни рекреатсионӣ мебошад. Инчунин, дар парваришгоҳи "Дараи Сабз" пойгоҳи илмӣ – таҳқиқотӣ, натиҷаи баҳисобгирии олами набототу ҳайвонот ва экосистема, арзёбии гуногуннамудии биологӣ ва мушоҳидаҳои тӯлонии ҳолати табиат гузаронидан мувофиқи мақсад мебошад.

Давоми таҳқиқот ошкор гардидааст, ки барои ташкил ва рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди парваришгоҳи "Дараи Сабз" заминаҳои боэътимоди табиӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, истеҳсолӣ ва ғайра мавҷуданд. Бар замми он, барои таъмини рушди бемайлони соҳаи сайёҳӣ норасоиҳои умумӣ ва ҷузъӣ аниқ гардиданд, ки мебояд тавассути таҳияи маҷмӯи тадбирҳо ҳаллу фасл карда шаванд ва натиҷаҳои илмии бадастомадаро дар асоси модели SWOT бо таҳлили ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии парваришгоҳи "Дараи Сабз", имкониятҳои рушди ояндаи он, инчунин таҳдидҳо барои менеҷменти сайёҳӣ дар парваришгоҳ таҳлил гардидааст. *(с.128-130)*

Дар заминаи омӯзиш ва таҳлили таҷрибаҳои мавҷудаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон диссертант исбот менамояд, ки барои рушди сайёҳии экологӣ ва таъмини устувории геоэкологӣ омилҳои болозикр нақши калидӣ мебозанд ва мебояд дар ҷараёни рушди такомули сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла парваришгоҳи "Дараи Сабз" ба инобат гирифта шаванд.

Кори диссертатсионӣ дорои фасли хулосаҳо, ки дар анҷоми ҳар як боб ва қисмати ниҳоӣ таркиб ёфта, нуктаҳои калидии таҳқиқот ва натиҷаи муҳимтарини онро инъикос менамояд. Хулосаҳои умумии диссертатсия, ки ҷамъбасти мантиқии тамоми кори илмӣ мебошад, бо воқеияти далелу бурҳонҳои овардашуда исбот мегардад. Маълумоти илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда заминаи устуворро барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ ва амалии рушди соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии экологӣ муҳайё месозанд, ки диссертант Каримӣ М.Д. дар сатҳи фаҳмо ва мушаххасан баён кардааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин тавсияҳое, ки аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд, пешниҳод гардидаанд. Тавсияҳои диссертант манфиати амалӣ доранд, зеро хусусиятҳои ташкилӣ ва меъёрии сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда пурра шарҳ дода шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география), омода намудани диссертатсия ва санҷиши кори диссертатсионӣ дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои дифоъшуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 “Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267” тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Диссертатсияи Каримӣ Мадина Давронзода ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ – назариявӣ навишта шуда, ба маҳакҳои гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география), омода намудани диссертатсия ва ташхиси диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботҳои муқаррарнамудаи Тартиби додани дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

Кори диссертатсионӣ бо забони фаҳмо бо истилоҳоти қабулшуда навишта шудааст, ороиши диссертатсия тағйиротро талаб намекунад. Автореферат ва мақолаи илмӣ ба табъ расидаи докторант (PhD) таркиби асосии диссертатсияро дарбар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Ҷанбаҳои муҳими мундариҷаи кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки предмети асосии дифоъ мебошанд. Бинобар ин, талабот дар ин бобат дар маҷмуъ қонеъ карда мешавад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**

Каримӣ М.Д. мутахассиси соҳаҳои география, геоэкология ва сайёҳӣ қодир ба ҳалли мустақилонаи масъалаҳои асосии илмии ин соҳа, диссертатсияи ӯ ба ихтисоси интихобкардаи диссертатсияи номзадӣ мувофиқат мекунад. Мавзуи тадқиқоти диссертатсия, сохтори он ва мундариҷаи кори анҷомдодашуда ба талаботи дар шиносномаи 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география) муқарраршуда мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи диссертатсия ба тахассуси илмии довталаб барои гирифтани дараҷаи илмӣ ва талаботе, ки ба чунин намуди корҳо гузошта шудаанд, мувофиқат мекунанд. Ҳангоми тавсифи довталаб ҳамчун корманди илмӣ донишомӯзӣ, фидокорӣ, самаранокии баланд, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, мустақилона қабул кардани қарорҳо ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои ба миён гузоштašударо таъкид кардан лозим аст.

## Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқи ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Таҳияи ҷадвали тасвирӣ ва диаграммаҳо бобати натиҷаи пурсиши афкор байни сайёҳон ва аҳолии маҳал бо таҳлили ҳамаҷонибаи маълумотҳо барои тасдиқи ҷараёни пайвастаи устувор зарур мебошад, ки дар диссертатсия ин ҳолат сарфи назар карда шудааст.

2. Дар ҷараёни таълифи диссертатсия агар раванди ташкил ва рушди сайёҳии экологӣ дар парваришгоҳи "Дараи Сабз"-ро бо ҳудуди табиии махсус муҳофизатшавандаи дигари вилояти Суғд муқоиса мегардид, дараҷаи эътимоднокии маълумотҳои таҳлилӣ боз ҳам болотар мешуд.

3. Пешниҳоди маълумоти муфассали дақиқ дар рисолаи диссертатсионӣ оид ба шумора, ғунҷоиш, сатҳу сифат ва дигари инфрасохтори сайёҳии мавҷуда дар ҳудуди парваришгоҳи "Дараи Сабз" ва маҳалли ҳамшафат хеле маҳдуд мебошад.

4. Натиҷаи таҳқиқоти захираҳои сайёҳӣ, рекреатсионӣ ва ҷанбаҳои геоэкологии парваришгоҳи "Дараи Сабз", ҳамчун ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, ки аз ҷониби муҳаққиқон давоми солҳои 60-80 – уми асри XX аз ҷониби муаллиф дар сатҳи кофӣ таҳлил нагардидааст ва дар диссертатсия маълумоти зарурӣ инъикос нашудааст.

5. Таъсири рушди соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии экологӣ ба сатҳи некӯаҳволии аҳолии маҳалли ҳамшафати парваришгоҳи "Дараи Сабз" дар диссертатсия сатҳӣ инъикос гардидааст. Зарур аст, ки дар ин ҷараён ба ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-демографӣ ва ғайра эътибори бештар дода шавад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география) таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

## Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия

Хулоса, диссертатсияи Каримӣ Мадина Давронзода дар мавзуи "Хусусиятҳои ташкили сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд (Дараи Сабз) ва таъсири он ба устувории геоэкологӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои география, декани факултети география ва иқтисодиёти рақамӣ Иброгимова Рухшона Абдуллоевна омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи география ва сайёҳӣ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи № 4 аз 10. 11. 2025 с.).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 16 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 16 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои география,
мудири кафедраи география ва сайёҳӣ — Гадоев Ш.Д.

**Эксперт:**
номзади илмҳои география — Иброгимова Р.А.

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои география — Бобоев Н.Д.

Имзои Гадоев Ш.Д., Иброгимова Р.А., Бобоев Н.Д. - ро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ” — Давлатов М.А.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
Телефон: (+992 3322) 2-35-06.
E-mail: info@kgu.tj somona@kgu.tj;
сомонаи расмӣ: https://kgu.tj

**“ 14 ” ноябри соли 2025**